«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х.
_____
«_24_» _____ 2021

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Сафарова Наргис Сайфуддиновна соли 1988 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2016 то 2020 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Сафарова Наргис доктори илмҳои филология, профессор, узви вобастаи АМИТ **Аламхон Кӯчарзода** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи ДМТ аз 6.12.2016, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Наргис Сафарова 20 апрели соли 2021 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Таърихи адабиёти нимаи дуюми асри ХХ ва замони Истиқлолияти давлатӣ аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин даврахо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулоти чашмрас ба амал омадааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи густардаи чунин дигаргуниҳоро яке аз вазифаҳои

муҳимми илми адабиётшиносӣ маънидод намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи унвонҷӯ Наргис Сафарова баррасии ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва таъйини саҳми шоир дар рушди адабиёту фарҳанги миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ шудааст.

Воқеан, Саидҷон Ҳакимзода аз оғози фаъолияти эҷодӣ бо тарзу равиши хос ва мавзӯву мундариҷаи баргузида осори гаронбаҳое манзури хонандагон намудааст. Мутаассифона, ҳаёт ва фаъолияти адабии ин шоири хушсалиқа ниҳоят кам мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби Наргис Сафарова дар шакли диссертатсия ба таҳқиқ гирифтани ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва баррасии паҳлуҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ӯ яке аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани ҳаёту эҷодиёти Саидҷон Ҳакимзода ва таъйини мақому нақши ӯро дар ташаккули шеъри тоҷикии давраи нав мақсади аслии таҳқиқот қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯ дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

- маълумоти мухтасар оид ба зиндагиномаи адиб;
- муайян намудани мероси адабии С. Ҳакимзода;
- нигоҳе ба осори публитсистии адиб;
- таҳлилу таҳқиқи мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоир;
- ба сифати мавзӯъҳои асосӣ баррасӣ намудани ашъори ба Ватан, сулҳу вахдат, панду ҳикмат ва ишқу муҳаббат бахшидаи шоир;
- таъйини вижагиҳои жанрӣ ва услубии ашъори С. Ҳакимзода;
- баррасии ҳунари шоирии С. Ҳакимзода.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** маҷмӯаҳои ашъори дар солҳои гуногун эҷодкардаи шоир, хусусан “Куллиёт” (2009) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, диссертант дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзӯи таҳқиқӣ рабтдошта аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба шинохти шеър, хотираву ёддоштҳои аҳли хонавода, дӯстону ҳамкорон ва осори бадеии адибони дигар самаранок истифода намудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили В.Г. Белинский, Б.В. Томашевский, Л.И. Тимофеев, М.М. Бахтин, А.В. Луначарский, С. Шамисо, Ш. Нуъмонӣ, А. Шеърдӯст, С. Табаров, М.Шакурӣ, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, А. Сатторзода, Х. Асозода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз равиши муқоисавӣ–таърихӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи асари бадеӣ истифода намуда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя кардааст.

Навоварии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти мукаммалу муфассал доир ба зиндагинома, мероси адабӣ ва вижагиҳои услубию бадеии ашъори Саидҷон Ҳакимзода маҳсуб меёбад.

Дастоварди Саидҷон Ҳакимзода дар тасвири бадеӣ, хусусан дар эҷоди ғазал ва дигар навъҳои суннатӣ, ки дар ашъори шоир мавқеи марказӣ пайдо кардаанд, назаррас мебошад.

Диссертатсияи номзадии Н. Сафарова аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин таҳқиқот фароҳамомада ва хулосаҳои он дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва баррасии ҷараёни такомули шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи ХХ барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик метавонад ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ расонад. Маводи назарии диссертатсия, пешниҳодҳои назарӣ ва хулосаҳои

унвонҷӯ ҳамчунин ҷанбаҳои назарии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибонро дар адабиёти давраи нав таҳвият бахшида метавонад.

Арзиши амалии кори диссертатсионии Наргис Сафарова дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқро ҳангоми таълифи мақола, диссертатсияҳои илмӣ оид ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти адибони муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсиву васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода намудани матни лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мухтавои таҳқиқ ва мундаричаи асосии диссертатсияи Н. Сафарова дар 10 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Сафарова, Н. Тасвири хонавода дар ашъори Саидҷон Ҳакимзода / Н. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2016. – №4/2 (199). – С. 221 – 225.

[2-М]. Сафарова, Н. Ашъори ватанхоҳии Саидҷон Ҳакимзода / Н. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №4/2. – С. 216 – 221.

[3-М]. Сафарова, Н. Масъалаҳои иҷтимоӣ дар ашъори Саидҷон Ҳакимзода / Н. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2017. – №4/5. – С. 255 – 259.

[4-М]. Сафарова, Н. Тараннуми вахдат дар ашъори Саидҷон Ҳакимзода / Н. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – №4/3. – С. 121 – 130.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Сафарова Наргис Сайфуддиновнаро** дар мавзӯи **«Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №14 аз 18.05. 2021.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикӣ **Зайниддинзода М.**

Котиби илмӣ, ассистент **Бобомаллаев И.Ҷ.**

Тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**
«21» 05 соли 2021